# Сафорати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. И. Сомонӣ, 109 «А»
Телефон: (992 37) 229-20-00
Факс: (992 37) 229-20-50
http://dushanbe.usembassy.gov


## ИЗҲОРОТИ КОТИБИ ДАВЛАТИИ ИМА КЛИНТОН

**Табрикоти наврӯзӣ ба халқи Тоҷикистон**

Аз номи Президент Обама ва мардуми Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, ман ба мардуми Тоҷикистон Наврӯзи хушбахт ва осоиштаро таманно дорам. Фарорасии ин иди бостонӣ ба ман имконият медиҳад нисбати суннати ғанӣ ва мероси густурдаи шумо эҳтироми худро изҳор намоям. Оилаҳо ва дӯстони саросари Тоҷикистон ва минтақа ҷамъ меоянд то робитаҳои деринаро густариш диҳанд, нақшаҳои оянда кунанд ва баҳори навро пешвоз гиранд.

Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Тоҷикистон ҳамкории қавӣ доранд, ки аз эҳтиром ва манфиати тарафайн маншаъ мегирад. Мо васеъгардонии ҳамкориамонро тавассути мусоидат ба амният ва суботи минтақавӣ, таҳкими рушди иқтисодёт ва соҳибкорӣ ва тақвияти имкониятҳои мубодилаи фарҳангӣ давом медиҳем.

Иҷозат диҳед ба муносибати Иди Наврӯз ӯҳдадориамонро оиди вусъат додани ин робитаҳо бори дигар тасдиқ намоем.  Дар якҷоягӣ мо ояндаи эминтар, демократитар ва ободтари халқҳои худро таъмин менамоем.

Тамоми мардуми Тоҷикистон дар ин фасли нав сиҳату саломат бод.

Наврӯз муборак!